1413/11.1-д 26.01.2024

Мақомоти
ҳудудии андоз

Оид ба анҷом ёфтани амали низоми
содакардашудаи андозбандии
фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ
ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки амали боби 55 Кодекси андоз "Низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво", аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ, мутобиқ ба муқаррароти қисми 7 моддаи 397 Кодекси андоз шуруъ аз 1 январи соли 2024 ба анҷом расид.

Агар даромади субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво то 31 декабри соли 2023 аз 1 млн. сомонӣ камтар бошад, онҳо метавонанд, аз 1 январи соли 2024 бо назардошти талаботи боби 52 Кодекси андоз фаъолияти худро дар низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд ба роҳ монда, андози тибқи низоми мазкур пешбинишуда, андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва дигар андозҳои дахлдорро тибқи муқаррароти Кодекси андоз ба таври пурра ҳисоб ва пардохт намоянд.

Мутобиқ ба талаботи қисми 2 моддаи 374 Кодекси андоз ҳангоми гузариш аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андозбандӣ ва аз низоми умумӣ ба низоми содакардашуда даромади умумии субъекти соҳибкорӣ бо усули ҳисобу замкунӣ муайян карда мешавад.

Тибқи муқаррароти бобҳои 25, 36 ва 53 Кодекси андоз ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ татбиқ намегардад.

Субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои номбурда, ки даромади умумии онҳо то 31 декабри соли 2023 аз 1 млн. сомонӣ зиёд мебошад, уҳдадор мегарданд аз 1 январи соли 2024 ба низоми умумии андозбандӣ гузашта, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози заминро тибқи муқаррароти фаслҳои VII, VIII ва XIII Кодекси андоз ба таври пурра ҳисоб ва пардохт намоянд.

Тибқи талаботи моддаи 264 Кодекси андоз меъёри стандартии ААИ бо ҳуқуқи баҳисобгирӣ - 14 фоиз (аз 01.01.2024) ва меъёри пасткардашудаи ААИ нисбат ба фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо меъёри пасткардашудаи ААИ - 5 фоиз бе ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ пешбинӣ карда шудааст.

Мутобиқи муқаррароти банди 19) моддаи 2 Кодекси андоз маҳсулоти кишоварзӣ – натиҷаи (маҳсули) ибтидоии парвариши растаниҳо ва чорво, дороиҳои дигари биологӣ, ки таҳти коркарди саноатии минбаъда қарор нагирифтааст, шуморида мешавад. Тибқи банди 20) моддаи 2 Кодекси андоз коркарди саноатӣ – амалиёти технологие, ки бо истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз ашёи хоми кишоварзии аз коркарди аввалия гузашта алоқаманд мебошад. Яъне, тухми паранда ва моҳӣ маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, гушти паранда ва хӯроки омехтаи паранда ва чорво маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди саноатӣ ҳисобида намешаванд.

Бинобар ин, тухми паранда, парандаи зинда ва моҳи бо меъёри пасткардашудаи ААИ - 5 фоиз ва таҳвили гушти паранда ва хӯроки омехтаи паранда ва чорво, ки маҳсулоти аз коркарди саноатӣ гузашта ба ҳисоб меравад, бо меъёри стандартии ААИ- 14 фоиз андозбадӣ мегарданд.

Тибқи талаботи сархати сенздаҳуми қисми 4 моддаи 251 ва қисми 11 моддаи 397 Кодекси андоз воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз андоз аз арзиши иловашуда то 31 декабри соли 2026 озод мебошад.

Ба инобат гирифта шавад, ки мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024” ААИ танҳо барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истисноии воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридот, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он, барои фурӯши равғани растанию боқимондаи коркарди он (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 10 фоиз муқаррар карда шудааст. Баҳисобгирии ААИ, ки барои хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ), ҷиҳати таҳвил ва фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он пардохта шудааст, наметавонад аз 10 дарсад зиёд бошад. Муқаррароти мазкур ба имтиёзҳои пешбининамудаи сархати сенздаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси андоз ва банди 13 моддаи 345 Кодекси гумрук татбиқ намегардад.

Инчунин, тибқи қисми 11 моддаи 15 Қонуни номбурда воридоти чорвои зотӣ ва гӯштӣ, инчунин ҳама намуди хӯроки чорво аз ААИ ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

Ҳамзамон, дар сурати таҳвили молҳои зикршудаи воридотӣ, аз ҷумла хӯроки омехтаи паранда ва чорво тибқи муқарраротиі моддаҳои 246 ва 248 Кодекси андоз объект ва манбаи ААИ арзиши пурраи чунин молҳо, ки фурӯшанда аз мизоҷ мегирад ё ҳуқуқи гирифтанро дорад, ба ҳисоб рафта, бо меъёри стандартии ААИ - 14 фоиз андозбандӣ карда мешавад. Зеро, кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои воридоти мол ва таҳвили молро, (банди 6 моддаи 10 Кодекси гумрук, банди 34 моддаи 2 ва моддаи 246 Кодекси андоз) муқаррар намуда, воридоти мол маънои интиқоли мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 266 Кодекси андоз баҳисобгирии маблағи ААИ нисбат ба бақияи моли харидашудаи андозсупорандае, ки аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андозбандӣ гузаштааст, иҷозат дода мешавад, агар маблағи ААИ аз даромадҳои андозбандишаванда тарҳ карда нашуда бошад. Бинобар ин, ААИ, ки нисбат ба бақияи молҳои истеҳсолшуда ба давраи 31 декабри сол 2023 аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво пардохт карда шудааст, ба таркиби хароҷотҳои барои давраи соли 2023 бурда шуда, барои муайян намудани даромади софи андозсупоранда, яъне барои мақсадҳои ҳисоб намудани андоз аз суди саҳмияҳо ба инобат гирифта мешавад.

Зимнан, вобаста ба андозбандии таҳвили бақияи молу маҳсулоти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда то 1 январи соли 2024 мавҷуд буда, қайд менамоем, ки мутобиқ ба талаботи моддаи 256 Кодекси андоз бақияи чунин молу маҳсулот аз арзиши пурраи таҳвил бо меъёри 14 фоиз ААИ андозбандӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, тибқи моддаҳои 162, 167 ва 168 Кодекси андоз мақомоти ҳудудии андоз уҳдадор мебошанд, ки бақияи молу маҳсулот ва объектҳои ғайриманқули субъектҳои хоҷагидори соҳаи мазкурро то 1 феврали соли 2024 инвентаризатсия карда, вобаста ба пардохти андозҳои дахлдор аз таҳвили онҳо чораҷӯӣ намуда, ба Кумитаи андоз маълумот манзур намоянд.

Бо назардошти ин, субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво уҳдадор мебошанд, ки тибқи муқаррароти зикргардидаи Кодекси андоз андозҳоро ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки муҳтавои мактуби мазкурро ба андозсупорандагон расонида, оид ба сари вақт иҷрои уҳдадориҳои андозии субъектҳои хоҷагидории фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво чораҷӯӣ намоянд.

Раис Н. Давлатзода